«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, д. и. ҳ., профессор
______________Насриддинзода Э.С.
«___»______________ соли 2026

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Хушвахтзода Дилшод Сангалӣ дар мавзуи «Такмили механизми молиявии идоракунии таваррум дар шароити муосир (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.**

## 1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст

Диссертатсияи Хушвахтзода Дилшод Сангалӣ дар мавзуи «Такмили механизми молиявии идоракунии таваррум дар шароити муосир (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», воқеан ба бандҳои б1.1.3., б3.8.2., б3.8.3., б3.8.6., б3.8.7., б3.8.10., б3.8.12-и шиносномаҳои ихтисосҳои соҳаи илмҳои иқтисодӣ (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2023, №6) аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мутобиқ мебошад.

## 2. Мубрамияти таҳқиқоти диссертатсионӣ

Яке аз равандҳои муҳимми иқтисодиро таваррум ташкил дода, дар рафти он нархи молҳо ва хидматҳо афзун ва қобилияти харидории пул коҳиш меёбад. Ба ибораи дигар, дар ҳолати мавҷуд будани таваррум, шумораи умумии молҳо ва хидматҳоеро, ки бо миқдори муайяни пул харидорӣ намудан мумкин буд, кам мегардад.

Таваррум як раванди табиӣ мебошад, ки суръати пасти он яке аз нишонаҳои ташаккулёбии иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. Вале дар ҳолати баланд гардидани сатҳи таваррум, таъсири манфии он ба тиҷорат ва вазъи аҳолӣ бо роҳи паст шудани қурби асъори миллӣ, беқурбшавии пасандозҳо ва арзиши коғазҳои қиматнок мерасад. Аз ин лиҳоз, идоракунии таваррум бо роҳи таҳия ва татбиқи механизми мукаммали молиявӣ, яке аз вазифаҳои асосии мақомоти ваколатдори давлатӣ (дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон) маҳсуб меёбад.

Аҳаммият ва нақши механизмҳои молиявии идоракунии тавaррумро дар иқтисодиёт хеле баланд арзёбӣ намудан мумкин аст, чунки маҳз онҳо ҳамчун воситаи калидӣ ҷиҳати нигоҳ доштани суботи макроиқтисодӣ, ҳифзи некӯаҳволии шаҳрвандон ва таъмини рушди устувор баромад менамоянд.

Таҳлили адабиёти соҳавӣ шаҳодати он мебошанд, ки ҳоло ягон механизми универсалие вуҷуд надорад, ки дар ҳама шароит самаранок бошад. Зеро, самаранокии тадбирҳо аз вазъи мушаххаси иқтисодӣ, хусусиятҳои сохторӣ ва омилҳои таъсиррасони берунӣ вобастагии зиёд дорад. Ин аст, ки мақомоти ваколатдори давлатӣ дар ин самт одатан аз равишҳои ҳамаҷониба

равишҳои ҳамаҷониба истифода намуда, воситаҳои гуногунро таҳия ва баҳри самаранокӣ, онҳоро муттаҳид месозад.

Ҳамин тавр, механизмҳои идоракунии таваррум, на танҳо роҳҳои мубориза бо болоравии сатҳи нархҳо, балки маҷмуи воситаҳои мураккабе мебошанд, ки ҳадафи онҳо нигоҳ доштани суботи макроиқтисодӣ, ҳифзи некӯаҳволии шаҳрвандон ва фароҳам овардани шароит баҳри рушди устувори иқтисодӣ мебошад. Аз ҳамин нуқтаи назар, ҳадаф ва вазифаи асосии таҳқиқоти илмии муҳаққиқ ин такмилдиҳии механизми молиявии идоракунии таваррум ба ҳисоб рафта, мубрамияти он бараъло маълум мебошад.

### 3. Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо)

**Аз нигоҳи мо унсурҳои навгониҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки муаммоҳои илмии аз тарафи муҳаққиқ гузошташударо хеле саҳеҳ тавсия медиҳанд, чунинанд:**

1. Муҳаққиқ бо роҳи таҳқиқ ва баррасии ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии соҳа, зарурати принсипиалии такмили механизми молиявии идоракунии таваррумро мушаххас сохта, идоракунии ҷараёнгирии таваррумро ҳамчун объекти таҳқиқот ифода намудааст. Бо арзёбии равияҳои консептуалии таваррум, танзими ҷараёни таваррум бо истифода аз механизми молиявии идоракунии таваррум ҳамчун яке аз сарчашмаҳои таъмини рушди устувор таҳия гардидааст;

2. Муаллиф дар рисолаи илмӣ вазъи ҷории механизми молиявии идоракунии таваррумро мавриди баррасӣ қарор дода, мушаххас намудааст, ки ин механизм бо сиёсати молию пулии кишвар дар алоқамандӣ қарор дошта, аз таҳия ва татбиқи дурусти он таносуби миқдори молу маҳсулот ва пули миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобастагӣ дорад. Ҳамзамон, асоснок гардидааст, ки ташаккулёбии иқтидори таваррум дар кишвар ба тағйирёбии сохтори молу маҳсулоти ватании рақобатпазир ва ба содирот нигаронидашуда алоқаманд мебошад;

3. Аз нигоҳи муаллиф, яке аз масъалаҳои муҳим дар ин самт, масъалаи ҷараёнгирии таваррум ба ҳисоб рафта, бо роҳи таҳлили коҳишдиҳии дараҷаи таъсири он ба рушди иқтисоди миллӣ, низоми ташкилию иқтисодии механизми молиявии идоракунии таваррум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон коркард гардидааст. Илова бар ин, муаллиф вазъи омории механизми молиявии идоракунии таваррумро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзишу баррасӣ қарор дода, имкониятҳои навоваронаро дар самти танзим ва идоракунии бозорӣ таҳия намудааст;

4. Бо ҳисоби мавҷуд будани омилҳои таъсиррасон ба раванди татбиқи сиёсати зиддитаваррумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муаллиф таҳия менамояд, ки дар шароити муосир, ин раванд бояд бо дарназардошти усулҳоиояндабинӣ ва таҳлилҳои оморию эконометрикӣ роҳандозӣ гардад. Гузашта аз ин, дар самти ояндбинӣ ва баҳодиҳии алоқамандии таваррум бо нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, муаллиф истифодаи

механизми молиявии идоракунии таваррумро ҳамчун як воситаи муҳим арзёбӣ менамояд.

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда**

Натиҷаҳои мушаххаси унвонҷӯ Хушвахтзода Дилшод Сангалӣ боиси он мегардад, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ эътимоднокии хулосаҳо бо натиҷаҳои амалӣ ва таҳлилҳои соҳавӣ асоснок гардида, муаллиф як қатор нишондиҳандаҳоро мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор додааст, ки дар онҳо моҳияти амалӣ ва назариявии самтҳои асосии такмили механизми молиявии идоракунии таваррум ҳамчун натиҷа ифода мегарданд. Ҳамчунин, таҳлили нишондиҳандаҳои соҳавӣ бо сарчашмаҳои дақиқи соҳа асоснок гардидаанд, ки ифодаи онро дар матни рисола мушоҳида намудан мумкин аст.

**5. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

Аҳаммияти илмӣ - назариявии таҳқиқот дар таҳкими равишҳои илмӣ ба дарки масъалаи мукаммалгардонии механизми молиявии идоракунии таваррум, таҳлили вазъи механизми молиявӣ ва хусусиятҳои идоракунии раванди таваррум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода меёбад. Омӯзиш ва банизомдарории нуктаҳои назари гуногун имкон дод, то роҳҳои тақвияти механизми молиявии идоракунии таваррум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мушаххас гардида, хусусиятҳои он ҷиҳати ташкили сиёсати самараноки зиддитаваррумӣ муайян карда шаванд. Муқаррар гардид, ки ҷорисозии самтҳои афзалиятноки таҷрибаи хориҷӣ дар сиёсати идоракунии раванди таваррумӣ бештар аз имконияти навовариҳо дар самти танзим ва идоракунии бозорӣ тавассути нархҳо, арзиши аслии маҳсулоти рақобатпазир ва ғайраҳо вобастагӣ дорад.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Аҳаммияти амалии таҳқиқот аз он иборат мебошад, ки таҳқиқот ва пешниҳоду тавсияҳои аз ҷониби муаллиф бадастоварда ба масъалаҳои мубрами идоракунии молиявии таваррум равона гардида, онҳо ба муваффақиятҳои Бонки миллии Тоҷикистон дар сатҳи зарурӣ ва ба таъмини самаранокии раванди идораи таваррум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири ҳамаҷониба мерасонанд. Ҳамзамон, қайд кардан зарур аст, ки пешниҳодҳои дар диссертатсия таҳиягардида, метавонанд барои беҳтаргардии сиёсати зиддитаваррумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намоянд.

**Аҳаммияти иқтисодии натиҷаҳои диссертатсия** масъалаҳоеро дар бар мегирад, ки онҳо аз тарафи муаллифи рисола ҷиҳати беҳтарсозии механизми танзими таваррум бо роҳи идораи афзоиши ҳаҷми пул ва болоравии сатҳи нархҳо мушаххас гардидааст. Албатта, идоракунии молиявии таваррум аҳаммияти баланди иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ дошта, он яке аз муҳаррикҳои асосии пешрафт маҳсуб меёбад. Бахши таваррум яке аз омилҳои пешрафти иқтисоди миллӣ арзёбӣ гардида, онро муаллиф дар рисолаи илмии худ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода, ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст. Ҳамзамон, гуфтан ба маврид аст, ки татбиқи воқеии натиҷаҳои бадастовардаи рисола ва дар ҳамин замина дар амал татбиқ намудани он аҳаммият ва манфиати умумииқтисодӣ доранд.

**Аҳаммияти иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия**. Дар шароити муосири хоҷагидорӣ тақвияти механизми идоракунии молиявии таваррум яке аз масъалаҳои муҳим буда, он дар беҳтарсозии сифати зиндагии аҳолӣ ва дар маҷмуъ бо рушди иқтисодиёти миллӣ мавқеи калидӣ дорад. Аз ҳамин лиҳоз, Бонки миллии Тоҷикистон, ҷиҳати татбиқи сиёсати зиддитаваррумӣ ба ин масъала диққати ҷиддӣ дода, кӯшиш менамояд то дар самти такмили механизми идоракунии молиявии таваррум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи васеъи воситаҳои муосирро ба роҳ монда, бо ин роҳ ҳамбастагии сиёсати зиддитаваррумиро бо муҳити иҷтимоии кишвар афзун ва таъсири онро ба рушди иқтисоди миллӣ бештар гардонад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Ҳамаи давраҳои иҷроиши нақшаи кори илмӣ, таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсадҳои гузошташуда ва иҷрои вазифаҳо аз ҷониби муаллиф ба анҷом расонида шудаанд. Дар раванди таҳқиқот муаллиф ба асосҳои илмии таваррум ва хусусиятҳои он, сабабҳои бавуҷудоии таваррум ва зарурати идоракунии он, омилҳои дохилӣ ва берунии таваррум, таҳлили ҳолати ҷории пайдоиши таваррум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳолати идоракунии таваррум бо ҳисоби нишондиҳандаҳои таркибии он, танзими таваррум бо роҳи идоракунии ҳаҷми пул ва сатҳи муътадили нархҳо, такмилдиҳии асосҳои институтсионалӣ вобаста ба сиёсати зиддитаваррумӣ диққат додааст. Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли хулоса ва пешниҳодҳо дар мақолаҳои илмӣ ҳамчун натиҷа ва коркардҳои қаблии муаллиф пешниҳод гардидаанд.

**6. Мазмуни кори диссертатсионӣ.** Дар муқаддима мубрамӣ ва зарурати таҳқиқот асоснок карда шуда, тавсифи умумии таҳқиқ таҳия гардида, нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия ва истифодаи натиҷаҳои он возеҳ кушода шудаанд.

**Боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявии таваррум ва идоракунии раванди он дар шароити муосир»** ном гирифта, дар он таҳқиқи ҷанбаҳои назариявии таваррум ва аҳаммияти он дар иқтисодиёт, хусусиятҳои таваррум, сабабҳои бавуҷудоии таваррум ва механизми идораи он, таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ ва истифодаи он ҷиҳати такмили сиёсати идоракунии таваррум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқу баррасӣ гардида, пешниҳодҳои ҳадафманд тавсия шудаанд (саҳ. 15-63).

**Дар зербоби 1.1.-**и диссертатсия унвонҷӯ иброз медорад, ки омӯзиши назариявии мафҳуми таваррум дар асоси муқаррароти илмии иқтисоди ватанӣ ва хориҷӣ баҳри танзими равандҳои таваррум ва ҳадафҳои рушди иқтисоди миллӣ нақши калидиро доро мебошад. Дар ин хусус ӯ мафҳуми «таваррум»-ро аз нигоҳи як қатор олимони ватанӣ (ба монанди: Раҳимзода Ш., Муқимов Қ.М.) ва хориҷӣ (ба монанди: Кэмпбелл Р., Макконел К.Р., Стэнли Л. Брю Сафрончук М.А., Никитин С.М. ва дигарон) таҳқиқ намуда, дар асоси он мавқеи муаллифиро мушаххас кардааст (саҳ. 20-21). Илова бар ин, муҳаққиқ андешаҳои намояндагони равияҳои гуногуни иқтисодӣ (аз ҷумла: равияҳои классикӣ, монетарӣ ва кейнсионӣ)-ро таҳқиқ намуда, нақши назарияи нави ниҳодии таваррумӣ ва назарияи таваррауми инерсиониро дар идоракунии таваррум мушаххас сохтааст (саҳ. 22-24). Муҳақиқ исбот

менамояд, ки вобаста ба мазмун таваррум бо хароҷотҳои истеҳсолӣ дар алоқамандии зич қарор дошта, дар натиҷа он яке аз омилҳои баландшавии нарх ба ҳисоб меравад (саҳ. 26). Инчунин қайд мегардад, ки таваррум дорои як қатор оқибатҳои манфӣ ба иқтисодиёт мебошад, ки он дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин гурӯҳбандӣ гардидааст: монеа ба тамоюли инвеститсионӣ ва ҷараёни воридшавии инвеститсияҳои хориҷӣ, ҳаракати бефосилаи нархҳо, дигаргунсозии таносуби пулӣ ва даромадҳо ва ғайраҳо (саҳ.28).

**Дар зербоби 1.2.** муҳаққиқ чунин иброз медорад, ки дар заминаи баландшавии таваррум, зарурати пешгӯии нарх ва идоракунии он ҳамчун омили таъсирбахш дар самти танзими механизми молиявии идоракунии таваррум ба вуҷуд меояд. Муҳақиқ нақши Бонки миллии Тоҷикистонро дар самти таъмини сатҳи муносиби таваррум баррасӣ намуда, мушаххас сохтааст, ки яке аз омилҳои муҳим дар ин самт, ин аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон танзим намудани сатҳи таваррум бо роҳи татбиқи сиёсати самараноки пулию қарзӣ ва асъорӣ ба ҳисоб меравад (саҳ.36). Ҳамзамон, ба ақидаи муаллиф идоракунии таваррум маънои маҳдудкуниро дар самти фаъолияти муътадили иқтисодиёт доро буда, барои пешгирӣ намудан аз болоравии сатҳи таваррум, муҳақиқ намудҳои сиёсати зиддитаваррумӣ, аз қабили: сиёсати пулию қарзӣ, сиёсати андозу буҷавӣ ва дахолати бевоситаи маъмурии давлатиро таҳқиқ намуда, фишангҳои самараноки татбиқи онро таҳия намудааст (саҳ.45-46).

**Дар зербоби 1.3**. унвонҷӯ мушаххас сохтааст, ки яке аз тадбирҳои асосӣ ҷиҳати танзими равандҳои таваррум ва таъмини устувории молиявӣ дар низоми пулию молии кишвар, ин омӯхтан ва сафарбар намудани самтҳои афзалиятноки таҷрибаи хориҷии сиёсати зиддитаваррумӣ, баҳри такмили механизми идоракунии молиявии таваррум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад (саҳ. 47). Ҳамзамон, таҷрибаи ба вуқуъ омадани таваррум дар як қатор кишварҳо, ба мисли: ИМА, Ҷумҳурии Федеративии Олмон, Ҷумҳурии Ҷопон ва ғайраҳо таҳқиқ гардида, муайян шудааст, ки ба кишварҳои номбурда, раванди татбиқи «ислоҳоти ногаҳонӣ», ки асоси онро дар баробари коҳишдиҳии ҳаҷми пул дар муомилот, инчунин истифодаи васеъи фишангҳои батанзимдарорандаи иқтисодию молиявӣ ташкил медод, кумак намудааст (саҳ. 47-48). Дар диссертатсия исбот шудааст, ки яке аз тадбирҳои пешгирикунандаи равандҳои таваррумӣ, ин ташаккулдиҳии фондҳои муътадилсозӣ ба шумор рафта, он на танҳо устувории қурби асъори хориҷиро таъмин менамояд, балки инчунин дар раванди идоракунии қарзи давлатӣ ва касри буҷети давлатӣ ёрӣ мерасонад. Инчунин, дар таҳқиқот гуфта мешавад, ки гузаштан аз як сохтори иқтисодӣ ба сохтори дигари иқтисодӣ (масалан, аз сохтори сотсиалистӣ ба капиталистӣ), ҳатман дар иқтисодиёти кишвар сатҳи таваррумро меафзояд, ки дар ин самт муҳақиқ бештар ба таҷрибаи пошхӯрии ИҶШС ва ташкилшавии кишварҳои соҳибистиқлол такя намуда, тавсияҳои муфидро пешниҳод намудааст (саҳ. 54-55).

**Боби дуюми диссертатсия «Таҳлил ва арзёбии механизми молиявӣ ва хусусиятҳои идоракунии раванди таваррум дар Ҷумҳурии**

**Тоҷикистон»** унвон гирифта, дар он вазъи муосири таваррум ва сарчашмаҳои тақвиятёбандаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, механизми идоракунии раванди таваррум бо роҳи арзёбии номгӯйи нишондиҳандаҳои таркибии он, танзими раванди афзуншавии нишондиҳандаи ҳаҷми пул ва болоравии сатҳи нархҳо ва тартиби татбиқи воситаҳои мушаххаси идоракунӣ, мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода шудааст (саҳ. 64-117).

**Дар зербоби 2.1**. муаллиф ҳангоми таҳлили расми 2.1. муайян намудааст, ки ба равандҳои таваррумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омилҳои гуногуне таъсир мерасонанд, ки онҳоро дар маҷмуъ ба ду гурӯҳ: экзогенӣ ва эндогенӣ ҷудо намуда, хусусиятҳои таркибии таъсиррасонии онҳоро мушаххас сохтааст (саҳ. 65). Бо ҳисоби омилҳои зерин, дар диаграммаи 2.2. муаллиф тамоюли тағйирёбии сатҳи таваррумро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми солҳои 1992-2023 таҳқиқ намуда, иброз намудааст, ки нуктаи аз ҳама баландтарини он ба соли 1993 рост омада, дар он давра сатҳи таваррум ба 7439% баробар шуда, давра ба давра ин меъёр бо ҳисоби андешидани тадбирҳо то 3,8% дар соли 2023 баробар гардидааст (саҳ. 69). Ҳамзамон, дар диссертатсия индекси нархҳо ҳамчун як унсури мушаххаснамоии сатҳи таваррум арзёбӣ гардида, дар ин хусус бо ҳисоби маълумотҳои маҷмуаҳои оморӣ ҷой доштани тамоюли хаттӣ дар ташаккулёбии индексҳои нархҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон исбот шудааст (саҳ. 71).

**Муаллиф дар асоси таҳлилҳои анҷомёфта, дар зербоби 2.2.** (ҷадвали ба маврид қайд менамояд, ки бо ёрии як қатор нишондиҳандаҳо, аз қабили: индекси нархҳои истеъмолӣ, дефлятори ММД, дараҷаи таваррумӣ, индекси арзиши ҳаёт ва ғайраҳо, имконияти дуруст арзёбӣ намудани болоравии сатҳи нархҳо ба миён меояд (саҳ. 88-89). Илова бар ин, баҳри самаранок гардонидани механизми молиявии идоракунии таваррум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, муаллиф зарур меҳисобад то мунтазам ба сохтори ҷараёнгирии таваррум диққат дода шавад. Ғайр аз ин, дар диссертатсия қайд гардидааст, ки агар дар раванди идоракунии таваррум, яке аз фишангҳои таъсирбахш истифодаи индикаторҳои молиявӣ ба шумор равад, пас барои пешгӯйи намудани дараҷаи таваррум, моделҳои эконометрикӣ нақши калидиро мебозанд (саҳ. 93).

**Дар зербоби 2.3.**-и рисолаи илмӣ ҳангоми омӯзиш ва таҳқиқи вазъи хусусиятҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, механизми молиявии идоракунии таваррум ва зарурати мукаммалгардонии он аз нигоҳи унсурҳои танзими микроиқтисодӣ ва макроиқтисодӣ таҳқиқ гардида, натиҷаи таҳқиқот дар шакли ҷадвали 2.9. таҳия гардидааст (саҳ.101). Муҳақиқ асоснок менамояд, ки бо ҳисоби оқибатҳои иқтисодию иҷтимоии таваррум, таҳия ва татбиқи сиёсати зиддитаваррумии давлат дар 2 шакл, сиёсати экспансионӣ ва сиёсати боздорандаро, яке аз тадбирҳои муҳим арзёбӣ намудан мумкин аст (саҳ. 109). Ҳамчунин баҳри такмили механизми молиявии идоракунии таваррум чунин тавсияҳо пешниҳод шудааст: ба эътибор гирифтани шароитҳои табиию иқлимӣ, мусоидат ба тақвияти захираҳои меҳнатӣ ва ташаккули имкониятҳои молиявии давлат ва ғайраҳо.

**Боби сеюми диссертатсия «Мукаммалнамоии низоми идоракунии раванди таваррум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ном гирифта, дар он самтҳои афзалиятноки коҳишдиҳии таъсири таваррум ба иқтисоди миллӣ,

коркарди механизми институтсионалӣ ва дар ин асос тақвияти сиёсати зиддитаваррумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳияи дурнамои мушаххас ҷиҳати танзим ва идоракунии молиявии таваррурм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд (саҳ.118-163).

Масъалаҳои дар **зербоби 3.1.**-и таҳлилгардида нишон медиҳанд, ки пешгирӣ ва мубориза бар зидди таваррум, яке аз тадбирҳои муҳим арзёбӣ гардида, аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон бо роҳҳои зерин амалӣ мегардад: зиёд кардани меъёри бозтамвил, афзӯн намудани меъёри захираҳои ҳатмӣ, ташаккул додани раванди хариду фурӯши коғазҳои қимматноки давлатӣ ва Бонки миллии Тоҷикистон ва ғайраҳо. Муҳақиқ исбот менамояд, ки таваррумро пурра нест кардан ғайриимкон аст, чунки маҳз ҷой доштани таваррум имконияти рушди сиклии иқтисодиёти бозорӣ маҳсуб мегардад. Асоснок гардидааст, ки дар баробари татбиқи чораҳои зиддитаваррумӣ бояд бо ҳалли як қатор масъалаҳо, ба мисли: тақвияти сатҳи саноат ва соҳаҳои дигари иқтисодӣ, ташаккулдиҳии сатҳи шуғл, коҳишдиҳии сатҳи камбизоатӣ ва ғайраҳо (саҳ. 132).

Дар **зербоби 3.2**.-и диссертатсия муаллиф асоснок намудааст, ки бо мақсади самаранок гардидани сиёсати зиддитаваррумӣ зарур аст то унсурҳои таркибии он, ба монанди: сиёсати пулию қарзӣ, сиёсати асъорӣ, сиёсати фискалӣ (буҷетӣ), сиёсати зиддиинҳисорӣ, сиёсати дуруст дар соҳаи савдои берунӣ ва ғайраҳо, дуруст амалӣ гарданд (саҳ. 134-138). Ҳамчунин, дар диссертатсия асоснок гардидааст, ки сиёсати зиддитаваррумӣ дар се равияи асосӣ татбиқ мегардад, агар равияи аввалро сиёсати сохтории зиддитаваррумӣ фаро гирад, пас равияи дуюм сиёсати зиддитаваррумии кейнсионӣ ва равияи ниҳоӣ сиёсати зиддитаваррумии монетарӣ ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин, муаллиф хусусиятҳои таркибии ин равияҳоро таҳқиқ намуда, дар ин хусус намудҳои сиёсати зиддитаваррумиро вобаста ба ин равияҳо коркард ва натиҷаи онро дар шакли расми 3.3. таҳия намудааст (саҳ. 143).

Муаллиф дар **зербоби 3.3.** -и диссертатсия дуруст иброз медорад, ки асоси низоми идоракунии таваррумиро, сиёсати зиддитаваррумӣ ташкил дода, татбиқи он баҳри пешгирӣ аз оқибатҳои манфии иқтисодию иҷтимоӣ, яке аз вазифаҳои муҳимми давлат мебошад. Илова бар ин, дар диисертатсия қайд гардидааст, ки истифодаи роҳҳо ва таъиноти фишангҳои таваррумӣ, аз ҷумла: фаъол гардонидани сиёсати молиявию қарзӣ ва пулӣ, сиёсати буҷетӣ ва даромад, танзими асъорӣ, сиёсати музди меҳнат ва сафарбар намудани воситаҳои пулию қарзии давлат ба иқтисодиёт, дар самти мукаммалгардонии механизми молиявии идоракунии таваррум объекти муҳим ҷиҳати ояндабинӣ ва пешгирии таваррум ба шумор меравад (саҳ. 154). Муаллиф қайд намудааст, ки бо мақсади мусоидат ба рушди иқтисоди миллӣ, зарур аст то имкониятҳои зиёди қарорҳои идоравӣ, бо роҳи амалисозии сиёсати иқтисодӣ ва баҳодиҳии дараҷаи таваррумӣ татбиқ гардад.

Дар қисмати хулосаи диссертатсия натиҷаҳои асосии таҳқиқ ҷамъбаст ва дар асоси онҳо тавсияҳои дахлдор ироа гардидаанд.

**7. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба шаклгирии диссертатсия**

Дар баробари муваффақиятҳо, дастоварду пешниҳодҳои дақиқи илмӣ, дар кори диссертатсионӣ баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки ба инобат гирифтани онҳо барои таҳқиқоти ояндаи диссертант аз аҳаммият холӣ нестанд:

1. Ба баррасии монеаҳои институтсионалӣ, ки ба такмили механизмҳои молиявии идоракунии таваррум дар Ҷумҳурии Тоҷикистон садди роҳ мешаванд, бештар диққат дода мешуд;
2. Дар самти асоснок намудани мавзуи таҳқиқот бо Стратегияҳо ва Барномаҳои давлатӣ, унвонҷӯйро зарур мебояд то асосҳои назариявии рисоларо мустаҳкам намояд, хуб мешуд унвонҷӯ бештар ба ин омил таваҷҷуҳ зоҳир мекард;
3. Дар зербоби 1.3, диаграммаи 1.1. – «Сатҳи таваррум дар як қатор кишварҳои ҷаҳон дар соли 2022-2024», ки тағйирёбии вазъи таваррум дар 10 кишвари хориҷа ва Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст, хуб мешуд, агар муаллиф сабабҳои ҷой доштани чунин тамоюлро дар кишварҳои таҳқиқшуда мушаххас намуда, истифодаи самтҳои афзалиятноки таҷрибаи кишварҳои таҳқиқшударо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия медод;
4. Бисёр ба маврид мебуд, агар дар боби сеюми диссертатсия муаллиф мушкилиҳои дар ин самт ҷойдоштаро гуруҳбандӣ намуда, роҳу воситаҳои аз байн бурдани онҳоро пешниҳод мекард.
5. Дар охири ҳар як боби рисола хулосаи ҷамъбастӣ, ки мушкилот, натиҷаҳои таҳлил ва тавсияҳоро ба таври возеҳ ҷамъбаст кунад, камтар ба назар мерасад. Бинобар ин, комил намудани ин қисмат сифати корро беҳтар менамояд.

Вале эродҳои болозикр хусусияти тавсиявӣ доранд ва ҳаргиз арзиши илмии корро коста намегардонанд.

**8. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмии дархостшаванда**

Чуноне аз шиносоӣ бо муҳтавои асноду мадорики пешниҳоднамудаи унвонҷӯ Хушвахтзода Дилшод Сангалӣ бармеояд, тахассуси илмии ӯ ба дараҷаи илмии дархостнамудааш номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мувофиқат мекунад. Натиҷаҳои илмии бадастовардаи муаллифи диссертатсия ба тахассуси илмии довталаби дараҷаи илмӣ ва талабот ба чунин намуди корҳо мувофиқат мекунанд. Ҳангоми тавсифи довталаб ба ҳайси корманди илмӣ сифатҳои шоистаи ӯро, чун донишомӯзӣ, қатъият, масъулиятшиносӣ, қобилияти дар сатҳи баланд ташкил кардани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, мустақилона қабул намудани қарорҳо ва муайян кардани роҳҳои расидан ба ҳадаф ва вазифаҳои гузошташуда, махсус бояд таъкид кард.

**9. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**

Аз рӯйи мавзуи таҳқиқ 8 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризашаванди КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст.

**10. Мувофиқати матни автореферат бо мазмуни диссертатсия**

Автореферат бо мазмуни диссертатсия мувофиқ мебошад. Он дар шакли фишурда, мундариҷаи асосӣ ва сохтори диссертатсияро инъикос намуда,

асоснокӣ, муҳим будан, навгонии таҳқиқ, аҳаммияти назариявию амалӣ ва хулосаҳои асосии таҳқиқро пурра тавсиф менамояд. Автореферат ва корҳои нашршуда бо мазмун ва муҳтавои бобу фаслҳои рисола, маводи ба табъ расида (рисола ва 8 мақола, ки 6 адади он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон) чоп шудааст, мувофиқ мебошанд.

**11. Хулосаи умумӣ.**

Дар маҷмуъ, таҳқиқоти диссертатсионии Хушвахтзода Дилшод Сангалӣ дар мавзуи «Такмили механизми молиявии идоракунии таваррум дар шароити муосир (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», таҳқиқоти нав буда, дорои навгониҳои илмии аҳаммияти назариявӣ ва амалидошта мебошад ва яке аз мавзуъҳои нисбатан камтаҳқиқшуда, мубрам ва баҳсталаби доираи илмҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Диссертатсия ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳияи диссертатсияҳои дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, ҷавобгӯ буда, муаллифи диссертатсия Хушвахтзода Дилшод Сангалӣ сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протоколи №11. 10 июни соли 2026).

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 22 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳии кушод: Тарафдор 22- нафар, Зид - нест, Бетараф - нест.

**Раиси ҷаласа:**
номзади имлҳои иқтисодӣ,
дотсент, мудири кафедраи
молия ва суғурта Ҳусайнов М.Н.

**Ташхисгар:**
доктори фалсафа (PhD)-и
кафедраи молия ва суғурта Саъдуллозода С.С.

**Котиби ҷаласа:**
н.и.и., дотсенти кафедраи
молия ва суғурта Бобоев Ф. Ҷ.

**Имзоҳои Ҳусайнов М.Н., Саъдуллозода С.С. ва Бобоев Ф. Ҷ-ро тасдиқ мекунам.**

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Шодихонзода Э.Ш.**

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, н. Шоҳмансур хиёбони Рӯдакӣ, 17
Тел.: (+992 -37) 221-62-25; (+992 -37) 227-15-10;
E-mail: info@tnu.tj